АХБОРОТИ

Маркази Таълимии Байнибонкии

Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон

дар соли 2012

1. САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗИ ТАЪЛИМӢ

Дар давраи ҳисоботӣ бори нахуст нақшаи таълимӣ дар асоси талаботу дархостҳои ташкилотҳои қарзӣ тартиб дода шуд ва курсҳои тахассусию семинарҳо асосан аз рӯи дархост ва супориши бонкҳо гузаронида шуданд.

Дар ин семинару курсҳо, ки кормандони бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии хурд иштирок мекарданд, асосан санадҳои нави ҳуқуқию меъёрии Бонки миллии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор гирифтанд ва дар ин ҷода натиҷаҳои назаррас низ дастрас гардид.

Дар асоси созишнома ва кӯмаки бевоситаи Раёсати Бонки миллииТоҷикистон барои кормандони Бонки миллӣ курсҳои омӯзиши компютерӣ ташкил намудем, ки то имрӯз онҳо мунтазам давом доранд.

Дар соли ҷорӣ мавзӯъҳои зерин нисбатан актуалӣ буданд: «Асосҳои хавфҳои бонкӣ. Танзими байналмиллалии хавфи бонкӣ», «Таҳлил ва принсипҳои асосии амал намудани бонки исломӣ ва фишангҳои молиявии он», «Баланд бардоштани савияи дониши молиявӣ», «Шаклҳои муосири корбарӣ бо ҳуҷҷатҳо. Таҷрибаи пешқадами ҷорӣ намудани гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ», «Идоракунии хавфи бонкӣ баъди бӯҳрони молиявию иқтисодӣ», «Идоракунии хавфҳои амалиётӣ: шарҳ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам», «Курсҳои омӯзиши компютерӣ: дараҷаи якум ва дараҷаи дуюм», «Курси омӯзиши санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон», «Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор» ва ғайра.

Маркази Таълимӣ вобаста ба иҷрои Нақша-чорабинҳои татбиқи “Стратегияи рушди низоми молиявии Тоҷикистон” дар соли равон барои устодони чор мактаби олии ҷумҳурӣ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Давлатии Тиҷоратии Тоҷикистон, Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Донишгоҳи Давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав) дар мавзӯи “Саводнокии

молиявӣ” курси тахассусӣ (тренинг барои тренерон) гузаронид ва 69 нафар муаллимони ин донишгоҳҳои номбаршуда ҳамчун тренер гувоҳиномаи Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистонро гирифтанд ва бо маводи таълимӣ ройгонӣ таъмин шуданд. Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии худ ин донишгоҳҳо аз моҳи сентябри соли 2012 барномаи “Саводнокии молиявӣ”-ро дар ҷараёни таълим ҳамчун “курси интихобӣ” ҷорӣ намуданд.

Маркази таълимӣ чандин сол боз бо Ширкати Молиявии Байналмиллалӣ (IFC) ҳамкории бевосита дорад. Мутобиқи созишномаи ҳамкорӣ оид ба мавзӯъҳои: лизинг, идоракунии корпоративӣ, бюрои таърихи қарзгирон, асосҳои идоракунии хавфҳо як қатор корҳои назаррасро анҷом додем. Масалан дар соли сипаришуда дар мавзӯъҳои: “Идоракунии хавфи пардохпазирии бонкҳо баъди бӯҳрони молиявӣ” ва “Идоракунии хавфҳои амалиётӣ: шарҳ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам” бо иштироки муаллимони ботаҷрибаи хориҷӣ ду курси байналмиллалӣ гузаронида шуд.

Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон бо Ассотсиатсияи Байналмиллалии мутахассисони идоракунии хавфҳо (GARP) созишномаи ҳамкорӣ дорад. Дар чаҳорчубаи он соли 2012 - 28 нафар мутахассисони бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии хурд оид ба мавзӯи “Идоракунии хавфҳо” имтиҳон супориданд ва сертификати байналмиллалии GARP – ро соҳиб шуданд.

Дар соли равон Маркази Таълимӣ дар мавзӯи: “Баланд бардоштани савияи дониши молиявии аҳолӣ” се маводи таълимӣ (бо забонҳои руссӣ ва тоҷикӣ) таҳия ва нашр намуд. Маводҳои таълимии мазкур барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла, ҷавонон, калонсолон, донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва соҳибкорони хурду миёна пешбинӣ шудаанд. Барномаи мазкур дар чаҳорчӯбаи татбиқи меморандум оиди ҳамкорӣ байни Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон ва Барномаи

минтақавии Ҷамъияти Ҳамкории Байналмиллалии Олмон (GIZ) таҳия гардидааст.

Ҷамъбасти чорабиниҳои дар боло зикршуда, ба таври муфассал, рӯзи 15 декабри соли равон дар семинари илмӣ-амалӣ бахшида ба мавзӯи: “Саводнокии молиявӣ – калиди иқтисодиёти солим”, ки бо дастгирии бевоситаи GIZ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташкил карда шуд, дар хусуси корҳои иҷрошуда ахборот дода шуд.

2. НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ДАВРАИ ҲИСОБОТӢ

Маркази Таълимӣ дар давраи ҳисоботӣ мутобиқи таҷрибаи давлатҳои пешқадам курсҳои тахассусӣ ва семинару машваратҳо ташкил карда онҳоро бомувафаққият гузаронид. Аз он ҷумла, 479 нафар мутахассисони бонкҳо, кормандони мақомоти гуногуни ҳукумати маҳалӣ ва муаллимони мактабҳои олии ҷумҳурӣ дар курсҳои Маркази Таълимӣ иштирок намуда, онро бомувафаққият хатм намуданд. Ҳамагӣ: 34 курсу семинарҳо гузаронида шуд. Аз он ҷумла:

- 25 курси тахассусӣ барои кормандони бонкҳо, ташкилотҳои молиявии хурд ва кормандони нуқтаҳои мубодила ва интиқоли пулӣ, ки 298 нафар иштирок намуданд ва шаҳодатнома гирифтанд;
- 3 курси тахассусӣ барои муаллимон(тренинг барои тренерон), ки 69 нафар иштирок намуда ба ҳайси муаллимони ғайри штатии Маркази таълимӣ эътироф шуданд;
- 2 курси тахассусии байналмиллалӣ дар мавзӯъҳои “Идоракунии хавфи пардохпазирии бонкҳо баъди бӯҳрони молиявӣ” ва “Идоракунии хавфҳои амалиётӣ: шарҳ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам”, ки 32 нафар сармутахассисони бонкҳо иштирок намуданд;
- 3 курси тахассусии дарозмӯҳлат оиди омӯзиши компютерӣ, ки 60 нафар мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд ва шаҳодатнома гирифтанд;

- 1 курси тахассусӣ барои сармутахассисони ҶДММ ТҚХ “Имон Интернешнл” оиди мавзӯи: “Омӯзиши санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон”, ки зиёда аз 20 нафар кормандон иштирок намуда, гувоҳиномаи Маркази таълимиро гирифтанд.

Ҷадвали 1

Шумораи шунавандагон, ки дар Маркази Таълимии Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон дар соли 2012 курсҳои такмили ихтисосро гузаштанд

	Номгӯи курсҳо	Миқдори курсҳо/ шунаванда	Ҷойи гузаронидани курсҳо	Санаи гузаронидани курсҳо
1.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/13	Душанбе	17-18.01.12
2.	Асосҳои хавфҳои бонкӣ. Танзими байналмиллалии хавфи бонкӣ	1/13	Душанбе/ IFC	24-27.01.12
3.	Курси тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/14	Душанбе	31.01-01.02.12
4.	Курси тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/17	Душанбе	15-16.02.12
5.	Таҳлил ва принсипҳои асосии амал кардани бонки исломӣ ва фишангҳои молиявии он	1/17	Душанбе	20-23.02.12
6.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/20	Душанбе	28-29.02.12
7.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/6	Душанбе	05-06.03.12
8.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/10	Душанбе	28-09.03.12
9.	Баланд бардоштани савияи дониши молиявӣ (ТоТ)	1/26	ДДТТ- Душанбе	14-16.04.12
10.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/14	Душанбе	18-19.04.12
11.	Шаклҳои муосири корбарӣ бо ҳуҷҷатҳо. Таҷрибаи пешқадами ҷорӣ намудани гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ	1/11	Душанбе	25-27.04.12
12.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/14	Душанбе	07-08.05.12
13.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/18	Душанбе	22-23.05.12
14.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/10	Душанбе	01-02.06.12
15.	Идоракунии хавфи бонки баъди бӯҳрони молиявию иқтисодӣ	1/14	Душанбе /IFC	07-09.06.12
16.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони	1/10	Душанбе	16-17.06.12

	нуқтаҳои мубодилаи асъор			
17.	Баланд бардоштани савияи дониши молиявӣ (ТоТ)	1/23	ДДҚ - Қӯрғонтеппа	20-22.06.12
18.	Идоракунии хавфҳои амалиётӣ: Шарҳ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам	1/18	Душанбе/IFC	05-07.07.12
19.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/10	Душанбе	10-11.07.12
20.	Курсҳоитайёриимахсусбароикассиронинуқ таҳоимубодилаиасъор	1/10	Душанбе	26-27.07.12
21.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/10	Душанбе	14-15.08.12
22.	Баланд бардоштани савияи дониши молиявӣ (ТоТ)	1/20	ДДХ-Хуҷанд	20-22.08.12
23	Курси омӯзиши компютерӣ барои кормандони БМТ	1/20	Душанбе	03.09.-15.10.12
24.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/5	Душанбе	06-07.09.12
25.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/5	Душанбе	14-15.09.12
26.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/10	Душанбе	25-26.09.12
27.	Курси омӯзиши компютерӣ барои кормандони БМТ	1/20	Душанбе	15.10.-30.11.12
28.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/8	Душанбе	23-24.10.12
29.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/15	Душанбе	13-14.11.12
30.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/14	Душанбе	27-28.11.12
31.	Курси омӯзиши компютерӣ барои кормандони БМТ	1/20	Душанбе	03.12.-15.01.13
32.	Курси омӯзиши санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллииТоҷикистон	1/20	Хуҷанд /Имон	06-08.12.12
33.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/10	Душанбе	11-12.12.12
34.	Курсҳои тайёрии махсус барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор	1/14	Душанбе	27-28.12.12
	ҲАМАГӢ	34/479		

Ҳамин тавр, ба ҳисоби миёна иштирок дар ҳар як курс 14,08 нафарроташкил намуд, ки ин нишондиҳандаи қаноатбахш мебошад.

2. МУАЛЛИМОН

Барои бештар ҷалб намудани муаллимони баландихтисос ва таҷрибанок Ассотсиатсия кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки муаллимони

маркази таълимӣ тачрибаи пешқадами институтҳои молиявии дунёро омӯзанд ва аз тарафи ин институтҳо тасдиқнома гиранд ва базаи моддӣ-техникии Марказро мукаммал гардонанд. Дар соли равон барои устодони чор мактаби олии ҷумҳурӣ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Давлатии Тиҷоратии Тоҷикистон, Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Донишгоҳи Давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав) дар мавзӯи “Саводнокии молиявӣ” курси тахассусӣ гузаронид ва 69 нафар муаллимони ин донишгоҳҳо ҳамчун тренер гувоҳиномаи Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистонро гирифтанд ва бо маводи таълимӣ таъмин шуданд.

3. КУРСҲОИФАРМОИШӢ

Бо дархости Бонки миллии Тоҷикистон, ба мақсади иҷрои талаботҳои Дастурамали №138 «Дар бораи тартиби кушодан, бақайдгирӣ ва танзими фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор», “Курси тайёрии ибтидоии кормандони хизматрасони нуқтаҳои интиқолҳои пулӣ”(Дастурамалҳои №№ 162,168) - 20 семинари кӯтоҳмуддат гузаронида шуд. Рӯзҳои 06-08 декабри соли равон бо дархости ҶДММ ТҚХ “Имон интернешнл”курси тахассусӣ оиди омӯзиши санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон” дар давраи гузариш аз ташкилоти қарзии хурд ба ташкилоти амонатии қарзии хурд гузаронида шуд.

Дар соли равон бо дастгирии GIZ барои муаллимони чор Донишгоҳи Тоҷикистон дар мавзӯи “Саводнокии молиявӣ” (тренинг барои тренерон) гузаронида шуд.

4. РОБИТАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

5. Маркази Таълимӣ дар солҳои 2010-2012 бо якчанд Барномаҳои байналхалқӣ робитаҳои ҳамкорӣ барқарор намуд ва дар соли 2013 онро давом хоҳад дод. Аз он ҷумла, Ҷамъияти Олмон оид

ҳамкории байналмиллалӣ “Барномаи минтақавии дастгирии молиягузории хурд дар Осиёи Марказӣ(GIZ), талаботҳои нақша-чорабиниҳо оид ба татбиқи Стратегияи рушди низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015- ро давом хоҳад дод. Рӯзи 15 декабри соли ҷорӣдаршаҳриДушанбеGIZ, АБТ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон семинари илмӣ-амалӣ дар мавзӯи“Саводнокии молиявӣ” ташкил намуда онро бомуваффақият гузаронидand.

Маркази Таълимӣ бо Ширкати Молиявии Байналмиллалӣ (IFC) ҳамкории бевосита дорад, оид ба мавзӯъҳои: лизинг, идоракунии корпоративӣ, бюрои таърихи қарзгирон, асосҳои идоракунии хавфҳо ва ин ҳамкорӣ дар соли 2013 давом дода мешавад. Дар давраи ҳисоботӣ дар мавзӯъҳои: “Асосҳои идоракунии хавфҳо”, “Идоракунии хавфи бонки баъди бӯҳрони молиявию иқтисодӣ” ва“Идоракунии хавфҳои амалиётӣ: шарҳ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам” курсҳои тахассусӣ гузаронида шуд. Маркази таълимӣ бо IFC ва Ассотсиатсияи Байналмиллалии мутахассисони идоракунии хавфҳо(GARP) курсҳои байналмиллалӣ гузаронид, аз он ҷумла, 26 майи соли 2012 – 11 нафар мутахассисони бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии хурд имтиҳон супориданд ва 24 ноябр бошад – 17 нафари дигар имтиҳон супорида соҳиби сертификати байналмиллалӣ “Риск менеджмент” шуданд. Дар соли 2013 ин робитаҳо рушт хоҳанд ёфт.

Хулоса мақсади стратегии мо ва коллективи муаллимони Маркази таълимӣ дар соли 2013 –ум ҷараёни таълимро сифатноктар ва самараноктар намудан аст.

Директори

МарказиТаълимӣ Р. Сайисмонов